# ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ

## *Конфронс бахшида ба 20-умин солгарди барпошавии равобити дуҷониба байни Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Душанбе, 13 августи соли 2012** – Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон кули шабакаҳои ахборӣ ва иттилоотиро ба Конфронс бахшида ба 20-умин солгарди барпошавии Равобити дуҷониба байни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон, ки рӯзи душанбе 13-уми августи соли 2012 дар меҳмонхонаи Меркурий баргузор мегардад, даъват менамояд. Конфронс ба намояндагони Аврупою Тоҷикистон ва кормандони сохторҳои давлатӣ барои мусоҳиба кардан оиди мавзӯи робитаи дуҷонибаи Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо, паҳлӯҳои ҳуқуқӣ ва густариши минбаъдаи он шароит фароҳам месозад. Мақсади конфронс ба ошно намудани шунавандагон аз таърихи барпошавии робитаи дуҷонибаи Точикистону Иттиҳоди Аврупо ва рӯҳбаланд кардани аҳли зиё дар фикру ақидаҳояшон роҷеъ ба мустаҳкамгардонии чунин равобити судманд бахшида шудааст.

Ба равобити тарафайн соли 1992 пас аз кушода шудани дафтари барномаи ТАСИС (Кӯмаки машваратӣ ба давлатҳои муштарак-ул-манофеъ) дар шаҳри Душанбе асос гузошта шудааст. Дар гузашти чанд моҳе дафтари барнома аз рӯи хатари беамниятӣ дар натиҷаи сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) баста шуд. Аммо ин боиси аз тарафи Комиссияи Аврупо тамоман қатъ гардидани иҷроиши баъзе аз лоиҳаҳое, ки тавассути маблағгузории ташкилотҳои байналхалқии дигар ва шарикони дарТоҷикистон фаъолияткунанда, ба мисли Барномаи рушти Созмони милали муттаҳид, инчунин олатҳои маблағгузории дигари Комиссияи Аврупо, аз ҷумла Барномаи амнияти озуқаворӣ (БАО) ва Раёсати кӯмаки башардӯстонаи Комиссияи Аврупо (ECHO) амалӣ мешуданд, нагардид.

Конфронс рӯзи душанбе 13-уми августи 2012 аз соати 08.30 то 14.00 дар меҳмонхонаи Меркурий баргузор мегардад. Бақайдгирии иштирокчиён аз соти 08.00 шурӯъ хоҳад ёфт.

Барои маълумоти иловагӣ ба телефонҳои МФБ 221-92-89 / 227-03-67 / 907-79-08-05 ё тариқи e-mail ба bactria.culture@acted.org нома ирсол намоед.

---

Лоиҳа амалӣ мегардад:

Маркази Фарҳангии Бохтар

Суроға: к. Академикон Раҷабовҳо, 15, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тел: 221-92-89 / 227-03-67
Нишонаи электронӣ: bactria.culture@acted.org

Лоиҳа аз тарафи Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ карда мешавад.

Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Суроға: к. Адҳамов, хонаи 74
734013 Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
тел: (+992 37) 221 74 07, 227 10 24
Факс: (+992 37) 221 43 21
Delegation-Tajikistan-Pic@eeas.europa.eu
http://www.deltjk.ec.europa.eu

Иттиҳоди Аврупо аз 27 мамолики узв иборат аст, ки онон қарор доданд тадриҷан дониш, захира, ва тақдири хешро пайванданд. Ҳамроҳ таи 50 соли васеъшавӣ онҳо минтақаи устувор, демократӣ ва рушти бардавомро бунъёд намуда, ҳамзамон гуногунияти фарҳангӣ, арзи таҳаммул ва кафолати озодии шахсиро нигоҳ доштанд. Иттиҳоди Аврупо омода аст муваффақиятҳо ва арзишҳояшро бо мамолик ва қавмиятҳои бидуни сарҳадоти хеш бо ҳам бубинад. Аз ин лиҳоз, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ҳамасола барои рушти мамлакат ба маблағи тақрибан 25 млн. евро кӯмак фароҳам менамояд.